**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ). Душанбе, 2025.**

Муҳиммияти омӯзиш ва таҳқиқи рисола дар он ифода мёбад, ки ба тадқиқи илмии яке аз мавзуҳои муҳими таърихи навини халқи тоҷик – мақом ва мартабаи нахустин Раиси КИМ-и ҶМШС Тоҷикистон Нусратулло Махсум дар раванди барқарории ҳаёти нави ҷамъиятию сиёсӣ давоми солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX бахшида шудааст. Диссертант доир ба зиндагии қаҳрамон, пайвандонаш, оғози ба корҳои ҳизбию давлатӣ воридшавии он, кӯшишҳо баҳри рушди ҳамаҷонибаи Тоҷикистони навбунёд ва ғайра маводи зиёди илмиро мавриди омӯзиш қарор дода, тадқиқоти мукаммали илмиро ба анҷом расонидааст.

Албатта, ҳамон тавре аз мазмуну моҳияти автореферат маълум мешавад Нусратулло Махсум аз ҷумлаи сиёсатмадорон ва ходимони намоёни давлатии замони худ буд, ки дар давраи кӯтоҳ рисолати таърихии хешро дар назди миллат дарк намуда, тамоми қуввату дониш ва нерӯи маънавиашро барои бунёди давлатдории навини тоҷикон равона сохта буд.

Нусратулло Махсум ва ҳамсафону хамсангарони ӯ дар тули фаъолияти хеш тавонистанд заминаи асосии ташкили таргиботи навро гузошта, ҳуқуқҳои таърихии тоҷиконро барои таъсиси ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимоя намоянд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар чунин даврони ҳассосу пурихтилоф ва муборизаҳои шадиду хатарноки сиёсӣ Нусратулло Махсум ва дигар ҳамсафони ӯ ба хотири дифоъ аз ҳуқуқу манфиатҳои миллии тоҷикон иқдомҳои наҷибе гузоштанд, ки омӯзиши он барои миллати тоҷик хело зарур мебошад.

Аз ин рӯ, омӯзиши зиндагиномаи чеҳраҳое ба мисли Нусратулло Махсум тақозои замон буда дар заминаи он метавон дарки таърихии миллатро тақвият бубахшиду эҳсоси ватандӯстиро боло бурд. Аз ин лиҳоз рисолаи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX» аз зумраи чунин таҳқиқотҳо ба шумор меравад.

Дараҷаи омӯзиши мавзуъ мутобиқ ба талабот таҳия шуда, муаллиф як қатор корҳои банашррасидаро, ки мавзуи таҳқиқотиро то ҷое инъикос мекунанд ба риштаи таҳлил кашида хулосаҳои зарурӣ баровардааст.

Мақсади таҳқиқоти рисола ба таври зурурӣ омӯхтан ва ҳамаҷониба баррасии илмии саҳми Нусратулло Махсум дар дигаргунсозиҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар давоми солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX буда, зимни таҳқиқ муаллиф ба мақсади дар пешгузошта расидааст.

Дигар қисматҳои муқаддима, аз ҷумла объект, мавзуи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, мутобиқатии диссертатсия ба шиносномаи илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия дуруст нишон дода шудааст.

Дар автореферат се боби диссертатсия дуруст баррасӣ ва инъикос ёфтааст. Дар боби якуми диссертатсия аслан вазъи сиёсии солҳои 20-уми асри XX ва мавқеи Нусратулло Махсум дар ҳалли масъалаҳои сиёсии он замон сухан рафта, аслан масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: оғози фаъолияти сиёсию ҷамъиятии Нусратулло Махсум; ҷараёни тақсимоти миллию ҳудудӣ ва саҳми Нусратулло Махсум дар ташкили ҶМШС Тоҷикистон; мақоми Нусратулло Махсум дар самти таҳким бахшидани сохтори идорию маъмурии ҶМШС Тоҷикистон; мубориазаҳои Нусратулло Махсум дар раванди таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон.

Боби дуюм «Талошҳои Нусратулло Махсум дар таъмини амният ва танзими раванди муҳоҷират дар Тоҷикистон» ном дошта, ба таври дақиқ мавзуи нақши Нусратулло Махсум дар ҳалли муноқишаҳои сиёсӣ ва таъмини зиндагии оиништан ҷомеа таҳқиқ шудааст.

«Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон ва раванди ҳодисаҳои сиёсии солҳои 30-юми асри XX» масъалаи боби сеюми рисола мебошад. Дар автореферат масъалаҳои дар баргирандаи ин боб ҳам хело фишурда ва рӯшан таҳлил шудааст. Дар ин бахш талошҳои Н. Махсумро дар рушди ҳамаҷонибаи ҷумҳурӣ баён мегардад.

Пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ҷиҳати саҳми Нусратулло Махсум дар раванди дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20 – 30-юми асри XX баҳри дар оянда давом додани омӯзиш дар ин самт дар хулоса оварда шудаанд.

Дар рафти мутолиа маълум гардид, ки матни автореферат аз баъзе камбудиҳои имлоӣ холӣ нест. Муаллифро зарур аст, ки ҳангоми нашри монография ин хатогиҳороба инобат гирад. Аммо он наметавонад қимати илмии авторефератро паст кунад. Бо дар назар гирифтани ин ба автореферати диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ) ба ҳама меъёрҳои муқарраршудаи илмӣ ҷавобгӯй мебошад.

Муқарриз: мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ,
н.и.т., дотсент Шарофзода Эраҷ Умрибой

28 11 соли 2025.

Суроға: индекс 734042 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, бинои 10^, ҳуҷраи 412
кӯчаи академик Раҷабовҳо, 10,
Тел.: (+992) 900 95 51 77
E-mail: sharofzodaeraj@gmail.com

Имзои Шарофзода Э.У.– ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

*Суроғаи муассиса: индекс 734042 Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ноҳияи Шоҳмансур, бинои 10^, ҳуҷраи 412*
*кӯчаи академик Раҷабовҳо, 10,*
***Телефон:** (+992 -37) 221-35-11, 21-36-87, 227-38-91*
***Факс:** +992 (372) 23-02-46*
***Email:** info@ttu.tj, ttu@ttu.tj*

28 11 *соли 2025.*